# САВОЛНОМА

**1. Дар бораи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот диҳед?**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардида, ба он 3 маротиба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тағйирот ворид гардидааст:

- 26 сентябри соли 1999;
- 22 июни соли 2003;
- 22 майи соли 2016.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дебоча, 10 боб, 100 модда ва муқаррарроти интиқолӣ иборат мебошад.

**2. Асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кунед?**

**Мутобиқи моддаи 1** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноанд.

**Моддаи 2.**

Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ буда, забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо амал мекунад.

**Моддаи 3**

Рамзҳои давлатии Тоҷикистон: Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ аст.

**Моддаи 4**

Пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе аст

**Моддаи 17**

Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд.

**Рухсатиҳои меҳнатӣ?**

- Ҳарсолаи пардохтшаванда,
- Беморӣ,
- Барои нигоубини кудак то 1.5 сол ва то 3 солагӣ,
- Иҷтимоӣ, таҳсил ва ғ.

**Хизматчии давлатӣ дар кадом асос ба кор қабул мешавад?**

Хизматчии давлатӣ дар асоси озмун қабул шуда, дар асоси қарордоди меҳнатӣ фаъолият менамояд.

**Рутбаҳои тахассусӣ?**

- Референти хизмати давлатӣ
- Мушовири хизмати давлатӣ
- Мушовири давлатӣ

**Синни ниҳоии хизмати давлатӣ?**

- Барои мардҳо 63
- Барои занон 58
- Барои занони 5 фарзанд ва 240 моҳи кори дошта 53 солагӣ

**Кадом санад одоби хизматчии давлатиро ба танзим медарорад?**

- Кодекси одоби хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намудҳои фармоишҳо ?**

- Оид ба ҳайати шахсӣ (таъин озод.)
- Рухсатии меҳнатӣ

- Сафари хизматӣ
- Ҷазои интизомӣ
- Ва ғ

**Мамониятҳои дар хизмати давлатӣ будан кадомҳоянд?**

- Доғи судӣ доштан
- Шаҳрвандии ду ва зиёда давлатро доштан
- Ва ғ

**Эъломия чист?**

- Эъломия ин маълумот дар бораи молу мулкии хизматчиёни давлатӣ ки ҳар сол то 1 апрел супорида мешавад.

3. **Мафҳуми давлати дунявӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ диҳед?**

Мутобиқи моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Яъне дин аз давлат ҷудост.

4. **Шохаҳои ҳокимияти давлатиро номбар кунед?**

Мутобиқи моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим мешавад.

5. **Аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кунед?**

Мутобиқи моддаи 73 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Сарвазир, муовини якум ва муовинони ӯ, вазирон ва раисони кумитаҳои давлатӣ иборат мебошад.

14 вазорат, 3 кумитаи давлатӣ: Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ

6. **Ҳадафҳои асосии стратегии Ҷумурии Тоҷикистонро номбар кунед?**

Таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ,  ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии  босуръати кишвар.

7. **Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кадом давлатҳо ҳамсарҳад аст?**

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии исломии Афғонистон (Кобул), Ҷумҳурии халқии Хитой (Пекин), Ҷумҳурии Ӯзбекистон (Ташкент) ва Қирғизистон (Бишкек)ҳамсарҳад мебошад.

8. **Вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кунед?**

ВМКБ, вилояти Суғд ва вилояти Хатлон.

9. **Синни ниҳоӣ дар хизмати давлатӣ аз чандсолагӣ муайян карда шудааст?**

Синни ниҳоӣ дар хизмати давлатӣ барои мардон аз 63-солагӣ ва барои занон аз 58 – солагӣ муайян карда шудааст.

10. **Кӣ аз номи тамоми халқи Тоҷикистон ҳуқуқи сухан гуфтанро дорад?**

Аз номи тамоми халқи Тоҷикистон фақат Президент, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи худ ҳуқуқи сухан гуфтан доранд.

11. **Кӣ шаҳрванди Тоҷикистон ҳисоб меёбад?**

Шаҳрванди Тоҷикистон шахсе ҳисоб меёбад, ки дар рӯзи қабули Конститутсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

12. **Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд ҳизби сиёсӣ амал мекунад?**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 ҳизби сиёсӣ амал мекунад:

1) Ҳизби халқи демократӣ;
2) Ҳизби коммунистӣ;

3) Ҳизби демократӣ;
4) Ҳизби сотсиалистӣ;
5) Ҳизби сотсиал-демократӣ;
6) Ҳизби аграрӣ;
7) Ҳизби ислоҳоти иқтисодӣ.

**13. Мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузор дар ҷумҳурӣ кадом аст?**

Парламент – Маҷлиси Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**14. Кадом қонунҳо танҳо аз тарафи Маҷлиси намояндагон мустақиман қабул мегарданд?**

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатӣ" ва "Дар бораи авф" аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ қабул карда мешаванд.

**15. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон киҳо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд?**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Узви Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд.

**16. Рамзҳои Президенти Ҷумурии Тоҷикистон кадомҳоянд?**

Рамзҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Ливо ва Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**17. Принсипҳои хизмати давлатиро номбар кунед?**

Хизмати давлатӣ аз принсипҳои зерин иборат аст:

- волоияти қонун ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ягонагии низоми хизмати давлатӣ новобаста аз таҷзияи ҳокимият;
- садоқат ба Ватан ва ба халқи Тоҷикистон;
- нигоҳ доштани сирри давлатӣ;
- шаффофият дар хизмати давлатӣ;
- ҳисоботдиҳанда будани хизматчии давлатӣ ва ғайраҳо.

**19. Қаҳрамонҳои Тоҷикистонро номбар кунед?**

- Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум ва Ширишоҳ Шоҳтемур (маълумоти мухтасар дар бораи кахрамонхо).
- Кадом асари бадеиро хондаед?
- Ягон порчаи шеърӣ аз ёд гуед.

**20. Санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кадомҳоянд?**

- Дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент фармон ва амр медиҳад, Ҳукумат қарор ва фармоиш қабул мекунад.

**21. Вазифаҳои давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кунед?**

- Президент, Раиси Ҳукумат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ ва Раиси Шӯрои амният.

**22. Салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар намоед?**

**Ҷавоб:** Мутобиқи Моддаи 69 Конститутсия салоҳиятҳои Президент аз инҳо иборатанд:

1. Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад;
2. Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад;
3. Вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро таъсис ва барҳам медиҳад;
4. Дастгоҳи иҷроияи Президентро таъсис медиҳад;
5. Шӯрои амниятро таъсис ва роҳбарӣ мекунад;
6. Ба қонунҳо имзо мегузорад;
7. Масъалаҳои шаҳрвандиро ҳал мекунад;
8. Паноҳгоҳи сиёсӣ медиҳад;
9. Масаълаҳои бахшиши ҷазоро ҳал мекунад;

10. Ваколатҳои дигареро, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд, амалӣ менамояд.

**23. Салоҳияти Маҷлиси миллӣ?**

**Ҷавоб:** Тибқи Моддаи 56 Конститутсия салоҳиятҳои Маҷлиси миллӣ  аз инҳо иборат мебошанд.

1. Таъсис ва барҳам додани воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва тағйири онҳо (10 майи соли 2016);

2. Интихоб ва бозхонди раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бо пешниҳоди Президент;

3. Ҳалли масъалаи бекор кардани дахлнопазирии раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ;

4. Ризоият барои таъин ва озод намудани Прокурори генералӣ ва муовинони ӯ;

5. Амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

**24. Салоҳияти Маҷлиси намояндагон?**

**Ҷавоб:**Тибқи Моддаи 57 Конститутсия салоҳиятҳои Маҷлиси намояндагон аз инҳо иборатанд:

1. Таъсиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоб ва бозхонди раис, муовин ва аъзои он бо пешниҳоди Президент;

2. Тасдиқи барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;

4. Ризоият ба додугирифти қарзи давлатӣ;

5. Тасдиқ ва бекор кардани шартномаҳои байналмилалӣ;

6. Таъини раъйпурсӣ;

7. Таъсиси судҳо;

8. Тасдиқи рамзҳои давлатӣ;

**25. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат»-ро шарҳ диҳед?**

**Ҷавоб:** Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат» санаи 14 ноябри соли 2016 № 1356 қабул гардидааст, ки аз 19 модда иборат аст.

Қонуни конститутсионии мазкур вазъи сиёсӣ ва ҳуқуқии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллатро ҳамчун бунёдгузори давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, сулҳ ва ваҳдати миллӣ муқаррар мекунад.

Қонуни конститутсионии мазкур салоҳият, таъсиси орден ва ҷоизаи Асосогузор, дахлнопазирӣ, таъмини фаъолият ва таъмини амнияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллиро муайян намудааст.

27.**Ҳуқуқ чист?**

Маҷмуи меъерҳои ҳуқуқиест, ки муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад.

**28.Қонун чист?**

Санади меъёрии ҳуқуқиест, ки мутобиқи тартиби муқарраршуда аз тарафи мақоми қонунгузор қабул мегардад ва муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро танзим мекунад

29.**Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро чи ташкил медихад?**

Асоси иктисодиёти Тоҷикистонро шаклхои гуногуни моликият ташкил медиханд.

**30.Моликияти истисноии давлат кадомхоянд?**

Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд.

**31.Дар бораи солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ маълумот диҳед?**

Бо мақсади амалигардонии талошҳои Ҳукумати мамлакат ба хотири боз ҳам обод кардани Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани

инфрасохтор, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмин кардани аҳолии деҳот бо оби босифати ошомиданӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот, ки солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шуд.

**32.Дар Тоҷикистон ҳуқуқи иштирок дар интихобот ва раъйпурсӣ, аз синни чанд солагӣ муайян карда шудааст?**
Шахрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунхои конститутсиони ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад.

**33.Баланди садди НБО Роғун чи қадар аст ва дар ин нерӯгоҳ чанд адад агрегат насб карда мешавад?**
Баландии НБО Роғун 335 метро ташкил медиҳад ва дар ин нерӯгоҳ 6 адад агрегат насб карда мешавад, ки иқтидори ҳар яки он ба 600 мгв баробар буда дар умум 3600 мгв ташкил медиҳад.

**34.Кадом шахсон ҳукуки иштирок карданро дар раъйпурсӣ ва интихобот надоранд?**
Шаҳрвандоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ махрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок кардан надоранд.

**35.Аъзои Ҳукумат, судяҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ, оё метавонанд узви Мачлиси миллӣ бошанд?**
Наметавонанд узви Маҷлиси миллӣ бошанд.

**36.Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз киҳо иборат мебошад?**
Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Сарвазир, муовини якум ва муовинони ӯ, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ иборат аст.
**Сарвазир** Қоҳир Расулзода
**Муовини якуми Сарвазир**: 1
**Муовинони Сарвазир:** 123

**37.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» кай кабул гардидааст?**
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон „ Дар бораи мурочиатхои шахсони вокеи ва ҳуқуқи" аз 23 июли соли 2016 кабул гардида, аз 27 модда иборат мебошад.

**38.Тақсимоти ҳокимияти давлатиро номбар кунед.**
А. Ҳокимияти қонунгузор
Б. Ҳокимияти ичроия
В. Ҳокимияти суди

**39.Ҳокимияти қонунгузор дар Ҷумҳурии Тоҷикистонин:**
***Б. Маҷлиси Оли***

**40.Вакилони Маҷлиси намояндагон аз ҷониби ки ва чи тавр қабул карда мешаванд?**
Аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонба тарики овоздиҳии пинҳонӣ

**41.Маҷлиси намояндагон аз чанд вакил иборат аст?**
*63 вакил*

**42.Муҳлати ваколати вакилони Маҷлиси намояндагон чанд сол аст?**
***А. 5 сол***

**43.Намудҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ кадомҳоянд?**
Минтакахои озоди иктисодиро дар чунин намудхо таъсис додан мумкин аст:- саноати (истехсоли махсулоти саноати); - савдо ва тичорати;- хизматрасони;- инноватсиони, илми - таххикоти ва чорикунанда.

**44.Кадом моддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонтагйирнопазир аст?**
Мутобиқи моддаи 100-и КонститутсияҶумҳурии Тоҷикистон шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазир мебошад.

**45. Қисмҳои асосии компютер:**
Монитор, процессор, клавиатура, мушак

**46. Ҳукуку озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо кадом восита ҳифз мегарданд?**
Ҳукуку озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунхои чумхури ва санадхои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Точикистон эътироф шудаанд, хифз мегарданд.

**47. Дар кадом ҳолатхо ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандонро маҳдуд кардан мумкин аст?**
Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи чамъияти, химояи сохти конститутсиони ва тамомияти арзии чумхури раво донистa мешавад. (мод.14 Конститутсия)

**48.Баробарии хама дар назди қонун, чи маъно дорад?**
Хама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба хар кас, катъи назар аз миллат, нажод, чинс, забон, эътикоди дини, мавкеи сиёси, вазъи ичтимои, тахсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодихоро кафолат медихад.(мод.17 Конститутсия)

**49.Мувофики Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонкадом шахси мансабдор ҳомии Конститутсия ва қонунхо, ҳуқуқу озодихои инсон ва шахрванд, муайян шудааст?**
Президент хомии Конститутсия ва қонунхо, ҳуқуқу озодихои инсон ва шахрванд, кафили истиклолияти милли, ягонаги ва тамомияти арзи, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти макомоти давлати ва хамкории онҳо, риояи карордодхои байналмилалии Точикистон мебошад.(мод.64 Конститутсия)

**50. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро кихо доро мебошанд?**
Аъзои Мачлиси милли, вакили Мачлиси намояндагон. Президенти Чумхурии Тоҷикистон, Ҳукумати Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд.(мод. 58 Конститутсия).

**51.Воҳидҳои марзиву маъмурии Тоҷикистон тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чи гуна муайян карда шудаанд?**
Ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад. Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо иборат аст (мод.7 Конститутсия).

**52. Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” маълумот диҳед?**
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 5 марти соли 2007, №233 қабул гардида фарогири 5 бобу 45 модда мебошад.
Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии хизмати давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.
53.**Хизматчии давлатӣ кист?**
Шаҳрванди ҶТ , ки мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбӣ бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол намудааст.

**54.Хизмати давлатӣ чист?**
Хизмати давлатӣ фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудааст.
**55.Аттестатсия чист?**
Тартиби муайян намудани мувофиқати хизматчии давлатии маъмурӣ ба мансаби ишғолнамуда бо роҳи баҳодиҳӣ ба иҷрои уҳдадориҳои мансаби, сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбӣ мебошад.

**56.Низоми хизмати давлатӣ:**
Хизмати давлатии шаҳрвандӣ
Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ
Хизмати давлатии ҳарбӣ

**57.Асосҳои қатъ шудани хизмати давлатӣ**
Истеъфои хизматчии давлатии сиёсӣ
Расидан ба синни ниҳоии хизмати давлатӣ
Қатъ намудани шаҳрвандии ҶТ
Гирифтани нафақаи ҶТ ё дигар давлати хориҷӣ
Эътибори қонуни пайдо кардани ҳукми айбдоркунии суд
Риоя накардани талаботи Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими анъана ва расму оинҳо”

**58.Ҳуқуқҳои хизматчии давлаӣ**
Дар доираи ваколатҳои худдар баррасии масъалаҳо ва қабули қарор иштирок намуда, иҷрои онҳоро аз тарафи мақомоти дахлдор ва шахсони мансабдор тиалаб намояд.
Муайян намудани доираи уҳдадориҳои мансабиашро аз роҳбари худ талаб намояд
Ба фаъолияти илмию эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шавад.
Ба тайёркунӣ ва азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос фарот гирифта шавад.

**59.Ӯҳдадориҳои асосии хизматчии давлатӣ**
Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ро риоя намояд.
Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро риоя, ҳифз ва эҳтиром намояд.
Интизоми давлатӣ ва хизматиро риоя намояд.
Кодекси одоби хизматчии давлатиро риоя намояд
Сирри давлатиро нигоҳ дорад
Моликияти давлатиро ҳифз намояд
Манфиати давлатро аз манфиати шахсӣ боло нигоҳ дорад

**60.Маҳдудиятҳо дар хизмати давлатӣ**
Бе иҷозати Президенти ҶТ унвон, мукофоти давлати хориҷи ва ташкилотҳои байналмилалиро гирифтан
Ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ аз хизматрасонии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба манфиати шахсӣ истифода бурдан
Дар дигар амалҳо аз ҷумла корпартоиҳо иштирок намудан

Ба соҳибкорӣ машғул шудан
Дар бонкҳои хориҷи суратҳисоб кушода, маблағ нигоҳ доштан

**61.Суруди миллӣ (аз ёд)**

Савол: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи сирри давлатӣ” ва мафҳуми он
Ҷавоб: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи сирри давлатӣ” 22 апрели соли 2003 таҳти №4 қабул шуда, аз 7 боб ва 41 модда иборат аст.

Қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки вобаста ба мансуб донистани маълумот ба сирри давлатӣ, махфӣ доштан, ошкор кардан ва ҳифзи онҳо ба манфиати таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд, ба танзим медарорад

**62. Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» маълумот диҳед.**
Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Точикистон» 5 октябри соли 2009, №553 кабул гардида, аз 7 боб ва 28 моддаи иборат аст. Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқии забони давлатиро муайян ва истифодаи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.
Қонуни мазкур истифодаи забони давлатӣ ва забонҳои дигарро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ танзим менамояд.
Қонуни мазкур истифодаи забонҳоро дар муносибатҳои шахсӣ танзим намекунад.

**63.Маълумот дар бораи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ**

Кодекси одоби хизматчии давлатӣ бо Фармони Президенти ҶТ №591 аз 3 декабри соли 2015 қабул шудааст. Аз 5 боб ва 51 банд иборат мебошад. Маҷмуи меъёрҳо, принсипҳо ва қоидаҳо рафтори хизматӣ ва ғайрихизматии хизматчии давлатиро танзим менамояд.

Савол: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия”
Ҷавоб: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия” 25 июли соли 2005 таҳти №100 қабул шуда, аз 5 боб 18 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти мӯътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, поктинатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардида, асосҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсро муқаррар карда, навъҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва чораҳои ҷавобгариро барои онҳо муайян менамояд.

**64. Соли 2020 кадом чорабиниҳои сиёсӣ баргузор гардид**

1 марти соли 2020 интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.
11 октябри соли 2020 интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид

**65.** Солҳои 2019 - 2021 солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шудааст.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**
**Основатель мира и национального единства — Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон (аз ёд)**

Савол: Кодекси меҳнати ҶТ ва мафҳуми он

Ҷавоб: Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 июли соли 2016, №255 қабул шудааст. Кодекси мазкур муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевосита ба онҳо алоқамандро ба танзим даровардa, барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, муқаррар намудани кафолатҳои камтарини ҳуқуқ ва озодиҳо дар соҳаи меҳнат равона карда шудааст.

**66. Қироат намудани порчаи шеърӣ**

Точикистон Точикистон мекунам шукри каму бисёри ту,
Мекунам шукрона аз озарму аз озори ту,
Аз ту ман сарват намехохам Ватан хасти бас аст!!
Бо хасу хорат баробар зиндаги кардан бас аст!!

Замини сахти кӯҳистон дили нармам ато кардаст,
Дуруштам ҳар кӣ мехонад, хато андар хато кардаст.
Ба мисли кӯҳ якрӯям, ба сони чашма ҳақгӯям,
Чунин будам, чунин бошам, ки ин сонам худо кардаст.

**67. Мутолиаи китоби бадеъӣ Мактаби куҳна, марги судхур, Восеъ...**

**68. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ**

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»**26.12.2021, шаҳри Душанбе

Савол: Калимаи«Президент» чӣ маъно дорад?

Ҷавоб: Президент-калимаи лотинӣ буда, маънояш шахси дар пешнишаста мебошад. Сардори интихобии як қатор мамлакатҳо, раиси ҷумҳур

Савол: Маълумот дар бораи Дастурамали мансабӣ

Ҷавоб: Дастурамали мансабӣ санадест, ки номгӯи мансаби давлатӣ, талаботи тахассусии мушаххас нисбат ба ишғолкунандагони мансаби мазкур ӯҳдадориҳои мансабӣ, ҳуқуқ ва масъулияти хизматчии давлатиро пешбинӣ мекунад

Савол: Ҳуқуқ ба хизмати давлатӣ

Ҷавоб: Шаҳрвандони ҶТ, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ ба хизмати давлатӣҳуқуқи баробар доранд.

**38. Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» маълумот диҳед?**

**Ҷавоб:** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» санаи 23 июли соли 2016 қабул гардида, аз 5 боб ва 27 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур муносибатҳоро вобаста ба тартиби пешниҳод ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии онҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои

ҷамъиятӣ, ташкилотҳо, муассисаҳо сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ирсол гардидаанд, танзим менамояд.

**39. Намудҳои мурочиатҳоро номбар кунед.**

**Ҷавоб:** Ба мурочиатҳо ариза, дархост, таклиф, шикояти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дохил мешаванд. Мурочиатҳо дар шакли хаттӣ, электронӣ ё шифоҳӣ ифодаёбанд.

**40. Мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар кадом мухлатҳо баррасӣ карда мешаванд?**

**Ҷавоб:** Муҳлати баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон бо қонун 15 рӯз муқаррар шудааст. Он мурочиатҳое, ки тафтиши иловагиро талаб мекунанд, дар давоми якмоҳ аз рӯзи расиданашон баррасӣ мешаванд.

**41. Ҳангоми вайрон намудани муҳлати баррасии арзу шикоятҳои шаҳрвандон кадом намуди ҷазо пешбинӣ карда шудааст?**

**Ҷавоб:** Мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза барзидди коррупсия» ҳангоми аз ҷониби шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда вайрон намудани тартиби баррасии мурочиат шаҳрвандон боиси озод намудани онҳо аз мансаб мегардад. Меъёри зикршуда ҳамон вакт истифода мешавад, ки агар вайроннамудани талаботи қонунгузорӣ дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ду ва зиёда маротиба содир шавад.

**42. Алифбои забони тоҷикӣ чанд ҳарф дорад?**

Ҷавоб: Алифбои забони тоҷикӣ 35 ҳарф дорад.

**43. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» кай қабул карда шудааст?**

**Ҷавоб:** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», ки 25 июли соли 2005, таҳти №100 қабул кардашуда, он аз 5 боб ва 18 модда иборат мебошад.

**44.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» кай қабул шудааст?**

**Ҷавоб:** Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатӣ» 5 октябри соли 2009, №553 қабул гардидааст. Ҳарсол рӯзи 5 октябр рӯзи забони давлатӣ қайд карда мешавад.

**45. Қаҳрамонҳои миллатро номбар кунед.**

**Ҷавоб:** С.Айнӣ, Б.Ғафуров, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, М.Турсунзода, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум.

**46. Савол: Созишномаи «Ваҳдати Миллӣ» кай ба имзо расидааст?**

**Ҷавоб:** Созишномаи «Ваҳдати миллӣ» аз тарафи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва Абдуллои Нурӣ дар шаҳри Москва 27 июни соли 1997 ба имзо расидаст.